**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи «Нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01- Адабиёти тоҷик**

Рисолаи номзадии Қодирова Дилноза ба таҳқиқи яке аз муҳимтарин мавзӯоти адабиётшиносии муосири тоҷик, нақш ва мақоми маҷаллаи “Садои Шарқ” дар инкишофи нақди адабии тоҷики солҳои 70-90-и асри XX ихтисос ёфтааст. Тозагии таҳқиқоти анҷомдодаи диссертант дар он ба мушоҳида мерасад, ки ӯ бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи нақши як маҷаллаи адабиро дар инкишофи нақди адабии тоҷик ба таври барҷаста муқаррар намуда, аз роҳи баррасии масоили меҳварии дар рисола ба риштаи таҳқиқ гирифташуда то андозае вазъи худи нақди адабии тоҷикро дар солҳои мавриди назар мушаххас ва муқаррар сохтааст. Ба таъбири дигар, маҳз дар доираи мабоҳиси дар ин рисола анҷомёфта бори аввал Қодирова Дилноза муваффақ бар он гардидааст, ки дар доираи як рисолаи илмӣ мавзӯъро таҳқиқ намуда, натиҷаҳои матлуби илмӣ ба даст оварад.

Мутолеаи фишурдаи рисола муқаррар месозад, ки муаллиф зарурат ва муҳиммияти тадқиқоти илмиро мушаххас карда, ҳадафҳои аслии тадқиқоти хешро ба таври дақиқ тасниф намудааст. Бар асоси тадқиқоти анҷомдодаи худ диссертант тозагиҳои тадқиқоти илмиашро муайян карда, аҳамият ва зарурати омӯзиши онро дар доираи як рисолаи номзадӣ ба таври возеҳ нишон додааст.

Ҷанбаи дигари қобили таваҷҷуҳи тадқиқоти анҷомдодаи Қодирова Дилноза дар он равшан мегардад, ки муаллиф бо низоми хоси илмӣ матлабҳои хешро баррасӣ ва таҳқиқ намудааст. Ин равиш имконият додааст, ки дар рисола жанрҳои нақди адабии мавҷуд дар саҳифаҳои маҷаллаи “Садои Шарқ”, нақди шеъру осори мансур ва нақди нақд ба таври алоҳида ба риштаи

таҳқиқ кашида шуда, роҷеъ ба ҳар яке аз ин масоили меҳварӣ унвонҷӯ хулосаҳои дақиқи илмӣ баровардааст, ки қобили аҳамият мебошанд.

Рисола ба таври умум, таҳқиқоти тоза дар адабиётшиносии тоҷик буда, аз арзиш ва аҳамияти шоёни илмӣ бархурдор мебошад. Натиҷаҳои тадқиқоти илмии диссертант дар оянда барои тадрис дар таълими таърихи адабиёти муосири тоҷик, таърихи танқиди адабӣ дар марҳилаи нави таърихӣ ва ҳатто таърихи матбуоти тоҷик қобили аҳамият мебошанд.

Дар баробари ин дастовардҳо дар фишурдаи рисола баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кори диссертант хоҳад буд.

1) Дар фишурдаҳои русии рисола зимни методологияи тадқиқот аз истифодаи равиши тадқиқотии 13 нафар олимон сухан рафтааст, аммо дар гунаи тоҷикии он номи 10 нафар омадааст. Хуб мебуд, ки мутобиқати мазкур дар ҳар ду фишурда риоят карда мешуд.

2) Дар бархе аз саҳифаҳои фишурдаи рисола ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиш ва аҳамияти диссертатсияро боз ҳам меафзояд.

Ҳаройина, камбудиҳои мазкур арзиш ва аҳамияти илмии диссертатсияро поин намебаранд. Ба таври умум, **диссертатсияи Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи «Нақши маҷаллаи “Садои Шарқ” дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи ХХ» кори анҷомёфта ва ҷавобгӯ ба талаботи** КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз **аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01- Адабиёти тоҷик мебошад.**

Номзади илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи забони давлатӣ ва ҷомеашиносии
ДПДТТХ ба номи академик М.Осимӣ — Таиба Бобоева

Имзои дотсент Бобоева Таибаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ДПДТТХ — Ёқубова М.А.

ДОНИШГОҲИ ПОЛИТЕХНИКИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АКАДЕМИК М.ОСИМӢ ДАР Ш.ХУҶАНД
ХУҶАНД
ШӮЪБАИ КАДРҲО